**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – иқтисодиёти ҷаҳонӣ Шарифӣ Дилшод Ибод дар мавзӯи "Накши созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)"**

Созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ институти ҳамкории бисёрҷонибаи байнидавлатӣ ва василаи ҳалли муносибатҳои байналмилалии иқтисодии кишварҳо мебошад, ки дорои ҳадаф, ваколат ва мақомоти доимӣ ҳастанд. Дар чаҳорчӯбаи созмонҳои иқтисодии байналхалқӣ гуфтушунидҳои мушаххас доир ба масъалаҳои умумии иқтисодӣ, махсусан роҳҳои ҳалли масъалаҳои баҳсбарангезанда ва ихтилофҳо баргузор мегардад, байни давлатҳои аъзо муносибатҳо барқарор мегарданд ва рушд меёбанд. Созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ ҳангоми ҳалли муносибатҳои байнидавлатӣ накши муҳим мебозад. Он метавонад бо намояндагӣ аз номи давлатҳои аъзо бевосита дар имзои шартномаҳои байналмилалӣ бо давлатҳои дигар ё созмонҳои байналмилалӣ иштирок намояд.

Саҳми созмонҳои иқтисодии байналхалқӣ дар даврони истиқлолияти давлатӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон хело назаррас мебошанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо СИБ танҳо дар доираи соҳаҳои кишоварзӣ, муҳити зист, энергетика, нақлиёт, тандурустӣ ва маориф муносибатҳио хуб бароҳ монда шудааст. Дар доираи соҳаҳои дигар ба монанди идоракунии давлатӣ, обтаъминкунӣ ва хизматрасонии комуналӣ, шуғл ва махсусан бахши хусусӣ ва саноат ягон муносибатҳои назаррас ба чашм намерасанд. Инчунин қайд кардан зарур аст, ки 4 – 5 соли охир тамоми нишондиҳандаҳо коҳиш ёфта истодааст, ин ноустувории муносибатҳоро нишон медиҳад. Аз ҷиҳати азхудкунии маблағҳо бошад, тахминан 10 – 15% маблағҳо вобаста аз руи созишномаҳо азхуд карда намешаванд. Инчунин бояд қайд кард, ки баъд

аз дарёфти самти рушди кишвар аксарияти СИБ барои рушди минбаъда, ҳавасммандии худро барои ҳамкориҳо зоҳир намекунанд.

Ҳамкориҳои минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо (Хазинаи байналхалқии асъор) ХБА ва (Гурӯҳи бонки умумиҷаҳонӣ) ГБУ метавонанд ба иқтисодиёти кишвар манфиатовар бошанд, аммо баъзе хатарҳо низ вуҷуд доранд. Ҳамкориҳои давомдор бо ХБА ва ГБУ бояд кафолати ислоҳоти сохториро дар иқтисодиёти кишвар дошта бошанд. Дигар нуқтаи мусбӣ бошад- суботи дохилӣ ва берунӣ, дастгирии қурби асъор ва пӯшонидани касри буҷет мебошад. Ҳамзамон, барномаҳои ХБА ва ГБУ имконияти ба вуқӯъ овардани хатарҳоро дорад, аз ҷумла равона нагардидани маблағҳои аз ҷониби ХБА гирифташуда ба ислоҳоти сохторӣ. Хавфи дуюм қарзи давлатӣ мебошад, ки дар навбати худ метавонад имконияти ҳукуматро барои хизматрасонӣ маҳдуд кунад ва ба хатари дефолтӣ орад. Бинобар ин, ҳамаи ин хусусияти актуалии интихоби мавзӯи тадқиқшавандаро тақозо менамояд.

Аз муҳтавои рисолаи илмӣ бармеояд, ки мақсади тадқиқот ин коркарди тавсияҳои илмӣ-методӣ ва таҷрибавӣ оид ба натиҷаи таҳлилҳои солҳои охир гузаронида шудаи самаранокии маблағгузориҳо аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ, ки дар ҳоли коҳишёбӣ қарор доранд, мебошад. Инчунин самаранок набудани қисме аз маблағгузориҳо ва хизматрасониҳои ГБУ ва ХБА танқидҳои зиёде имрӯз дар оламӣ илми иқтисодӣ сари кор овардааст, ки бевосита аз тарафи далатҳои рӯ ба инкишоф ва камбизоат маншаъ мегиранд. Аз натиҷаҳои таҳлилҳои гузаронида шуда бармеояд, ки аксарияти сармоягузориҳои ин созмонҳо хусусияти машваратиро доранд ва зиёда аз 60% - и маблағгузориҳоро ташкил медиҳанд. Бо гузаронидани маслиҳату машваратҳо маблағҳои ҷудо гардида боз ба худи онҳо бар мегардад ва дар навбати худ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди онҳо ӯҳдадории қарзии худро зиёд мекунад. Муайян карда мешавад, ки дар доираи фаъолияти СИБ

механизми идоракунии қарз ва воситаҳои молиявӣ дар асоси талаботҳои кишварҳои пешрафта муайян карда мешавад, талабот ва таклифоти кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба инобат гирифта намешавад. Ин ба он оварда мерасонад, ки кишварҳои пешрафта қарзҳои нисбатан муфидро ба даст меоранд ва кишварҳои қафомонда маҷбуранд талаботҳои иншо намудаи кишварҳои пешрафтаро риоя намоянд.

Дар асоси таҳлили консептуалии муҳаққиқони илми иқтисод ва маводҳои илмӣ-назариявӣ дар самти таъсири СИБ ба иқтисодиёти миллӣ Дилшод Шарифӣ тавонистааст, роҳу усулҳои истифодаи маблағҳои пешниҳодгардидаро барои шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, роҳҳои самаранок гардонии онҳоро дар рисолаи илмӣ пешниҳод намояд.

Диссертант, Дилшод Шарифӣ, дар соли 2010 донишгоҳи Фрэнсис Мэриони ИМА-ро бо ихтисоси бакалаври муносибатҳои байналмилалӣ ва дар соли 2015 факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси Магистри иқтисодиёти ҷаҳонӣ хатм намудааст. Аз соли 2015 то соли 2018 дар зинаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – иқтисодиёти ҷаҳонии кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил кардааст. Аз соли 2018 ин ҷониб дар вазифаи Сардори Раёсати ҳамкориҳои иқтисодии хориҷии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият карда истодааст. Шарифӣ Дилшод Ибод ҳамчун муҳаққиқи ҷавону эҷодкор донандаи бисёр хуби забонҳои хориҷӣ аз ҷумла забонҳои англисӣ ва русӣ мебошад.

Дар ҷараёни навиштани диссертатсия Шарифӣ Дилшод Ибод имконияти истифодабарии маблағгузориҳоро бо роҳи тадқиқотҳои илмӣ-амалӣ, аз он ҷумла мукаммалгардонии захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратиро бо назардошти омилҳое, ки ба ташкилнамоии базаи

захиравии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, нишон додааст. Тадқиқоти гузаронидаи ӯ, дорои низоми фарзияҳои гуногун, нигоҳҳои васеъ, сатҳи дараҷаи илмии хосаи муайян буда, он фарогири натиҷаҳои асосии тадқиқот гардидааст. Ҷанбаҳои муҳими кори диссертатсионӣ дар якчанд конференсияҳои илмӣ-назариявии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ рӯи чоп омадаанд.

Арзиши натиҷаи назариявии бадастомада бо амалия хислати алоқамандии зич дорад. Таҳқиқоти гузаронидаи Дилшод Шарифӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки бо истифода аз усулҳои кофии таҳлили илмӣ ва бо қадри имкон дар сатҳи зарурии таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ таҳлил ин масъала дар шароити иқтисоди бозорӣ, зарурияти махсус доштани онро дар назар дорад.

Навигарӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бо бандҳои 7, 8, ва 9-и Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – иқтисодиёти ҷаҳон мувофиқат мекунад.

Ҳолатҳои асосҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда дар 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидаанд, аз чоп баромаданд. Дар ин мақолаҳои илмӣ ақидаҳои илмии муаллиф ва принсипҳои асосии таҳқиқот нишон дода шудаанд.

Бинобар ин, диссертатсияи Шарифӣ Дилшод илман асоснокшуда ва баохиррасида ба ҳисоб рафта, муҳимияти назариявӣ ва амалии масъалаҳои воқеии иқтисодӣ бо захираҳои қарзӣ натиҷаи баррасии тадқиқоти илмии муаллиф мебошад. Бо назардошти хусусияти актуалии мавзӯи мазкур, сатҳу сифати тадқиқотҳи илмӣ-назариявӣ ва навгониҳои илмии тадқиқоти рисола пурра ба банди 18-и Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 166-и Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ, банди 70-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”

аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он Шарифӣ Дилшод Ибод сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ, н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва МИБ-и ДМТ** **Саидмуродова М.А.**

**Имзои н.и.и., дотсент Саидмуродова М.А-ро тасдиқ менамоям,**

**Сардори раёсати кадрҳо**

**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

**«___»____________ 20 с.**